**ҚАРОРИ**

ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА–026-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**аз 03 декабри соли 2020** **ш. Душанбе**

Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА–026 диссертатсияи Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобоpo дар мавзӯи «Таснифоти илм дар фалсафаи машшоияи шарқӣ ва таъсири он дар таснифоти муосири илм" аз рӯи ихтисоси 09.00.03. - таърихи фалсафа (мушовири илмӣ – доктори илмҳои фалсафа, профессор, узви вобастаи АМИТ Саид Нуриддин Саид), тақризи муассисаи тақриздиҳанда – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, тақризҳо ва баромади муқарризони расмӣ: доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии ба номи М. Осимӣ - Раҳимов Муҳсин Ҳусейнович; доктори илмҳои фалсафа, дотсент, мудири кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров - Атоев Атоулло Мухторович; Самиев Б.Ҷ. - доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон, инчунин, баромади мутахассисон доир ба мавзӯи баррасишаванда ва муқарризони ғайрирасмӣ: докторони илмҳои фалсафа, профессорон Назариев Р.З., Маҳмадова М.Ф., Раҳимов С.Х., Комилов Р.С. ва Музаффарӣ М., дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулнамудаи шӯро оид ба диссертатсия, инчунин дурустии навгониҳои илмӣ, муҳим будани хулосаҳои диссертатсия ва натиҷаи маводи чопиро шунидаю муҳокима намуда,

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобо дар мавзӯи «Таснифоти илм дар фалсафаи машшоияи шарқӣ ва таъсири он дар таснифоти муосири илм" аз рӯйи ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа ҷавобгӯйи талаботи пешниҳоднамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияҳои докторӣ, мувофиқи Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мебошад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016 таҳти №505 тасдиқ шудаанд, мебошад.
2. Маводи чопнамудаи муаллиф пурра мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос менамояд.
3. Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобо ба дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа сарфароз гардонида шавад.
4. Аз КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда мешавад, ки Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобо бо дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа сарфароз гардонида шавад.

Кӣ тарафдори қабули ҳамин қарори Шӯрои диссертатсионӣ бошад, хоҳишмандам мавқеашро муайян намояд. Тарафдор – 15 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ, доктори илмҳои фалсафа, профессор** **Аҳмадов С.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ, доктори илмҳои фалсафа, дотсент** **Муминов А.И.**